# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи *«Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти хатлон)»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Дар шароити муосир, ки омӯзиши масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, равшанӣ андохтан ба таърихи он, дастовардҳо, мушкилот, таҳлили роҳҳои бартараф кардани онҳо ва дар маҷмуъ нишон додани саҳми минтақа дар раванди созандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз расидан ба истиқлолият аҳаммияти назариявӣ ва илмӣ-амалиро доро мебошад. Минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз минтақаҳои сернуфус ва аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ фаъол, дар солҳои гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ва дар шароити буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои 1990-ум мавқеи муҳим ишғол намуд.

Бунёди Истиқлол барои миллати тоҷик дастоварди бузурги таърихӣ ба шумор рафта, таҳавулоти сиёсиро дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд овард . Дар ибтидои гузариш ба ин шоҳроҳи нав, ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар бо буҳрони шадиди сиёсӣ ва минбаъд ба ҷанги шаҳрвандӣ пайваст. Ин фоҷиаи таърихӣ боис ба душвориҳои иҷтимоии аҳолӣ, пастравии иқтисодиёт ва фарҳанги миллии ҷомеа мегардад. Минтақаҳои алоҳидаи кишвар бо таъсири ногувори ин падида зарарҳои ҷиддӣ дида, аз тариқи мустақилият ҳама масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро ҳаллу фасл менамуданд. Яке аз ҳамин гуна гӯшаҳои кишвар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маҳсуб меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар

мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти хатлон)» ба ихтисоси 6D.КОА–093 – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.– пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон ба мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» бахшида шуда, дар шароити имрӯза аз нигоҳи муҳиммияти худ мубрам мебошад.

Андешаҳои муаллиф дар боби мубрамии мавзуи интихобшуда ҷолиби дастгирӣ мебошанд. Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки ҷумҳурии тозаистиқлоли моро зарурат пеш омад, ки аз роҳи душвор тадбирҳои амалӣ - роҳи ба ҳам омадани миллат, таъмини сулҳ, ризоият ва дар заминаи он ҷустуҷӯйи роҳи беҳтар намудани вазъияти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангиро дар ҳама минтақаҳои кишвар роҳандозӣ намояд.

Дастоварди истиқлол аз ҷиҳати моҳият ҳамчун неъмати арзишманд барои интихоби роҳи нави таърихӣ – бунёди сохти демократӣ ва бедории худшиносии миллии ҷомеаи тоҷик боис гардид ва дар ин замина барои рушд ва инкишофи минбаъдаи иқтисодиёт ва фарҳанги миллӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуд.

Мубрамии диссертатсияи таҳқиқшавандаи муаллиф ин таҳқиқи роҳҳои рушд минтақаи Кӯлоб дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар буда, ба таҳияи хулосаҳои илмии асоснок дар ин самт мусоидат менамояд. Таҳияи таҳқиқоти илмии фарогир, ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии онро дар солҳои 1991–2021 бо такя ба маълумоти оморӣ ва таҳлили минтақавӣ ҳамаҷониба баррасӣ менамояд, то ҳол ба андозаи кофӣ анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши амиқи таҷрибаи таърихии рушди минтақаи Кӯлоб бо истифода аз рақамҳои дақиқи оморӣ ва таҳлили илмӣ мубрамияти мавзуи мазкурро пурра асоснок менамояд.

**Дараҷаи омӯзиш ва навгонии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ, ки дар таърихнигории

ватанӣ то ба имрӯз таҳқиқоти махсус ба ин унвон ба анҷом нарасидааст. Баъзе аз масъалаҳои нисбатан муҳимми алоқаманд ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилоятҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон на танҳо дар таҳқиқот ва асарҳои илмии таърихнигорон, балки дар асарҳои сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, иқтисодчиён ва рӯзноманигорон низ ба таври ғайримустақим рӯйи кор омадаанд. Бо дарназардошти ин, омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ (солҳои 1991-2021) барои пурраю комил гардонидани донишҳои таърихӣ ва дарки васеи масоили ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ин минтақаи кишвар имконият фароҳам меоварад.

Аз ин рӯ, муаллиф барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои дурустро дар назди худ монда, онҳоро, тавре аз мазмуну мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ бармеояд, ҳал намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар саҳифаи 17 оварда шудааст, аз нигоҳи ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ аз аҳаммият холӣ нестанд. Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки муаллиф баррасии мавзуи интихобшударо маҳз дар доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад мавриди таҳқиқ қарор дода, ки ин тарзи дурусти ҳалли масъала мебошад.

**Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаю натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он собит мешаванд, ки дар омӯзиши мавзуъ ва таҳқиқу таълифи диссертатсия назарияҳои таърихнигорони ватанию хориҷӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, истифодаи зиёди сарчашмаҳо ва истифодаи осори илмии муҳаққиқони самти мавзуъ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои ҳар боб дар асоси омӯзишу таҳлили илмии сарчашмаву осори илмии муҳаққиқон нишон дода шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ–назариявӣ, мутобиқ бо натиҷагириҳо, хулосагириҳои амалии донишҳои илмии соҳа бо мақсади баррасии ҳаёти иҷтимой-иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар ин радиф, диссертатсияи анҷомдодаи Шодизода Саодат Исломхон бамаврид мебошад, чунки ба яке аз мавзуъҳои мубрам – **«Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти хатлон)»** бахшида шудааст. Ҳамзамон, масъалаи зикршуда ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳим дар Консепсияи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 196 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 245 номгӯй) иборат аст.

Боби якумро муаллиф "**Ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ»** номгузори карда, масъалаҳои баррасишавандаи онро ба ду зербоб ҷудо намудааст. Дар зербоби аввал **«Оғози дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI»** муҳаққиқ воқеоти таърихӣ-сиёсии ибтидои марҳалаи истиқлолиятро баррасӣ намуда, бо пойдории давлати қонунӣ–конститутсионӣ дар ибтидои давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон мусоидат намуд.

Зербоби дуюми боби якум **«Тадбирҳои муҳимми сиёсии марҳалаи аввали замони истиқлолият ва ба арсаи сиёсат ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон - рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсӣ»** номгузорӣ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки рӯзҳои аз ҳама мудҳиш маҳз дар ҳамин минтақа ҳукмфармо буд. Танҳо дар ноҳияи Фархор аз сабаби нарасидани моводи хӯрокворӣ ва ба сифати маводи истеъмолӣ истифода бурдани ҳар гуна растаниҳои бегона 7 ҳазор нафар аҳолӣ ба бемории гелиотроп гирифтор шуда, қисме аз онҳо ҳалок гардиданд.

Боби дуюмро докторант ба таҳқиқи **“Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021)“** бахшида, онро низ ба ду зербоб тақсим намуда, дар зербоби якум, **“Пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳо дар шароити нави иқтисоди бозорӣ»** масъалаи пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳои онро ба се марҳала ҷудо менамояд. Марҳалаи аввал – давраи ақибмонӣ ва таназзули соҳаи саноат, солҳои 1991-1997, марҳалаи дуюм – давраи нигоҳдошти ақибмонӣ ва амалӣ намуданиислоҳоти нахустини соҳаи саноат, солҳои 1997-2010, марҳалаи сеюм – давраи ташаккул ва рушди соҳаи саноат, аз соли 2011 то соли 2021.

Дар зербоби дуюм “**Тағйирот дар ҳаёти аграрӣ»** диссертант муътақид ба он андеша мебошад, ки масъалаи аграрӣ ба мисли соҳаи саноат ҳамеша дар қатори вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодии инкишофи давлат ва ҷомеа ҷойгоҳи хосаро ишғол намуда, манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти озуқа ва ашёи хоми саноатӣ ба шумор рафта, воситаи боэътимоди таъмини истиқлолияти озуқаворӣи кишвар ва беҳдошти вазъи иҷтимоӣ- иқтисодии аҳолии кишвар маҳсуб меёбад. Масъалаи бахши аграриро муҳаққиқ ба се марҳала: марҳалаи ақибмонӣ ва таназзули соҳаи кишоварзӣ (солҳои 1991-1997); марҳалаи нигоҳдошти ақибмонӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти нахустин соҳаи кишоварзӣ (солҳои 1997-2010); марҳалаи ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзӣ (аз соли 2011 то соли 2021) ҷудо намудааст.

Боби сеюми диссертатсия – **“Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ”** аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Тағйирот ва комёбиҳо дар соҳаи маорифи халқ»** масоили мушкилот, тағйирот, рушд ва комёбиҳои соҳаи маориф мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ масъалаҳои рушди маорифро дар давраи соҳибистиқлолӣ ба се марҳала ҷудо намуда, мушкилот ва ақибмонии соҳа, вазифаҳо ва ислоҳотҳои муҳимми соҳаи маорифро дар

зарфи 30 соли соҳибистиқлолӣ натиҷагирӣ намудааст. Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Хизмати тиббии аҳолӣ ва инкишофи соҳаи тандурустӣ»** масоили алоқаманд ба соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб буда, муҳаққиқ амалигардонии ислоҳоти соҳаро дар замони соҳибистиқлолӣ ба 4 марҳала ҷудо намуда, сабабҳои бозмондагӣ ва ақибравии онро дар 2 марҳалаи аввал ва роҳандозии ислоҳоти нахустин, рушд ва инкишофи соҳаи тандурустиро ба марҳалаи 3-юм ва 4-ум нисбат додааст. Дар зербоби сеюми боби сеюм – **«Муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар шароити нав»** масоили алоқаманд ба нақш ва мақоми муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Хулосаи диссертатсия хуб тартиб дода шуда, мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар бандҳо ва тавсияҳои амалӣ дар 7 банд пешниҳод шудааст, ки аҳаммияти назариявию амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ истифода шаванд.

Шодизода Саодат Исломхон диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзуи мубрами илми таърихи ватанӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат менамояд.

Қайд кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон бори аввал мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, аз ин сабаб мавзуи диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон илми таърихи ватаниро ғанӣ мегардонад, зеро муаллиф таҳлили ақидаҳои гуногунро бо маҳорат гузаронда, дар диссертатсия самтҳои асосии афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад, ки ба ташаккули рушди манотиқи Кулоби вилояти Хатлон мусоидаткунанда аст.

Ҳамзамон, дар баробари комёбиҳо, диссертатсия аз камбудиҳо холӣ набуда, пешниҳоди эродҳои мазкур зарурӣ мебошад:

1. Ҳангоми таҳлили дараҷаи омӯзиши таҳқиқот, муаллиф диссертатсия ва авторефератҳои олимони тоҷикро оиди саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ дар шароити сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии дар солҳои ҷангию баъди ҷангӣ мавриди таҳлил қарор надодааст.

**2.** Дар зербоби якуми боби якум хуб мешуд самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ мутобиқи лоиҳаи барномаҳои иқтисодии кишвар ба марҳилаҳо тақсим карда мешуд. Марҳилаи якум аз солҳои 1991-2001; марҳилаи дуюм 2001- 2015; марҳилаи сеюм 2015-2021.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқот аксаран маълумотеро гирд овардааст, ки хусусияти оморӣ дошта, аз мавзуи баррасишаванда аз лиҳози замонӣ дур мебошад. Ҳамзамон, ин масъала дар зербобҳои дигар низ мушоҳида мешавад. Хуб мешуд муаллиф давраи муосири масъалаи баррасишавандаро таҳқиқ менамуд.

**3.** Дар зербоби дуюми боби якум натиҷагирӣ ва хулосабарории муаллиф кам ба назар намерасад. Хуб мешуд самтҳои асосии барномаи рушди иқтисодии кишвар ва ба хусус гузариш аз соҳаи аграрӣ ба агросаноатиро шарҳ медоданд. Ҳамчунин, дар бораи мушкилоти мавҷуда ҷиҳати бунёди комплекси гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои мусоиди он дар асоси самтҳои асосии барномаи гузариш ба саноати аграриро муаллиф ба пуррагӣ шарҳ надодааст.

**4.** Зербоби дуюми боби дуюм ба таҳқиқи ҳамкориҳо дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ, барнома ва ҷалби сармоягузории созмонҳои байналмилалӣ дар ислоҳоти соҳаи кишоварзиро аз диди назари муаллиф дур мондаст. Ҳамчунин, дар зербообҳо тафаккури мантиқӣ ва чорчӯбаи риояи хронология кам дида мешавад.

**5.** Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои забонию мантиқӣ, ҳамзамон, камбудиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Новобаста аз камбудиву эродҳои ироа шуда, диссертатсия арзандаи баҳои мусбӣ буда, ба талаботҳои К.О.А. ҷавобгӯ мебошад, ки барои таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод мешавад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи **Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021). (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)** ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1. Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи**
**таърихи халқи тоҷик** **Собирова Қ. Д.**

**Имзои Собирова Қ. Д.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардои раёсати кадрхо ва корхои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

25.04.2026